Ҷаласаи Ҳайати мушовараи Кумитаи забон ва истилоҳот

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 11 Июл, 2025 - 12:21
[1]

Ҷаласаи Ҳайати мушовараи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар он Раиси Кумита Раҳматуллозода Сахидод, аъзои Ҳайати мушовараи Кумита, муовини раиси Кумита, сардорони шуъбаҳо, мудирони бахшҳо ва кормандони Кумита иштирок намуданд.

Дар ҷаласаи мазкур натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2025 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда ҷамъбаст гардида, нақшаи кории Кумита барои нимсолаи дуюми соли 2025 тасдиқ гардид. Аз ҷониби аъзои Ҳайати мушовара фаъолияти Кумита дар нимсолаи якуми соли 2025 қаноатбахш ҳисобида шуда, вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда муҳим арзёбӣ гардиданд.

Ҳамзамон, аз ҷониби Ҳайати мушовараи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон китоби «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забони давлатӣ» барои чоп тавсия дода шуд.

Инчунин барои саҳми муносибу арзанда гузоштан дар пешрафти сиёсати давлатии забон ба як қатор кормандон Ифтихорнома тақдим гардид.

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 5 (4 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

-

[4]

-

[5]

-

[6]

-

[7]

-

[8]

-

[9]

-

[10]

-

[11]

-

[12]

-

[13]

-

[14]

-

Манбаъ::https://www.kumitaizabon.tj/tg/content/chalasai-khayati-mushovarai-kumitai-zabon-va-istilokhot?mini=2026-04&page=1642&qt-quicktabs=1

Пайвандҳо
[1] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/516933764_122163807002462396_2811187214505144784_n.jpg [2] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/516746403_122163807218462396_3066850201296406906_n.jpg [4] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/516933764_122163807002462396_2811187214505144784_n.jpg [5] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/517124530_122163806804462396_6000441858257171510_n.jpg [6] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/517142815_122163807044462396_3446033529005253211_n.jpg [7] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/517357215_122163807134462396_1845846732067448324_n.jpg [8] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/517530747_122163806954462396_7262085341092215963_n.jpg [9] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/517602674_122163806756462396_7858971159297917142_n.jpg [10] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/517704418_122163806912462396_1455891703653540067_n.jpg [11] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery

/517757508_122163807266462396_4218530383954883342_n.jpg [12] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/517990893_122163807176462396_7378849719091913836_n.jpg [13] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/518300630_122163807092462396_3784788329409863668_n.jpg [14] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/518303580_122163806846462396_6908723475212731766_n.jpg